**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Султонзода Гулбаҳор Абдувайит таҳти унвони «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Диссертатсияи Султонзода Гулбаҳор Абдувайит ба яке аз мавзуъҳои муҳим ва камтаҳқиқшудаи адабиётшиносии тоҷик - «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» бахшида шудааст. Мавзуи мавриди таҳқиқ аз чанд ҷиҳат арзишманд ва дорои тозагиҳои муайян мебошад: бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик рӯзгор ва осори Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва ҷанбаҳои адабии фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» ба сурати мавзуи алоҳида ва дар доираи як диссертатсияи илмӣ таҳқиқ мешавад. Дигар ин ки бори аввал ҷанбаҳои матншиносии фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» ва нақши он дар тасҳеҳу нашри осор, маърифату шарҳи адабиёт ва осори адабӣ таҳқиқ шудааст. Зеро роҷеъ ба ин фарҳанг ба ҷуз маълумот ва ишораҳои мухтасар кори таҳқиқотии ҷудогона на дар самти забоншиносӣ ва на дар ҳодаи адабиётшиносӣ ба анҷом нарасидааст. Таҳқиқоти мазкур дар ҳодаи шинохти «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ҳамчун сарчашмаи муҳими адабӣ бо фарогирии намунаҳои шарҳу тафсир, тавзеҳи киноёту ибораҳои шоирона, нақди мутуни фарҳангҳои дигар ва намунаҳои ашъори шоирон, нақду тасҳеҳи осори суханварони асрҳои X-XI дар заминаи фарҳанг басо муҳим ва арзишманд ба назар мерасад.

Арзиши муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф бар асоси дастрасӣ ба сарчашмаҳои муҳим ва нодири асри зиндагонии шоир саҳифаҳои муҳими рӯзгори ӯро барқарор намуда, фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»-ро дар асоси нусхаҳои хаттии маҳфуз дар Ҷумҳурии исломии Эрон ва кишвари Туркия дар муқоиса бо нашри интиқодӣ ба таҳқиқ расонидааст.

Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар таъйин намудани ҷойгоҳи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ зоҳир мегардад. Дар ин замина, фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» аз ҷиҳати фарогирии шавоҳиди шеърии зиёд ҳамчун сарчашмаи адабӣ эътироф шуда, муаллифи фарҳанг натанҳо луғатнигор, балки шоири бомаҳорати асри XVII муаррифӣ гардидааст. Роҳу усулҳои интихоби асноди шоҳид ва шарҳи

маънои онҳо дар фарҳанги мазкур бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Маротибаи аввал дар фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» ҷой доштани афкори интиқодӣ ва он заминаи рушди нақд дар фарҳангнигории минбаъда гардиданаш бо далелҳо собит карда шудааст. Ҳамчунин, дар асоси асноди шоҳиди фарҳанг 50 байт аз ашъори суханварони асрҳои X-XI нақду тасҳеҳ карда шудааст. Нахустин маротиба фарҳанги мазкур ҳамчун сарчашмаи нодири киноёту истиороти адабӣ муаррифӣ гардида, мақоми муаллифи он дар шарҳу тавзеҳи ин воситаҳои бадеӣ ва маърифати ашъори шоирон муайян карда шудааст.

Аҳамияти назарию амалии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои он дар рушди минбаъда ва ҳаллу фасли масъалаҳои тозаи адабиётшиносии назариявию амалӣ, фарҳангнигорӣ, матншиносӣ, нақду тасҳеҳ ва шинохти паҳлуҳои мухталифи илмҳои мазкур, маърифат ва шарҳи адабиёт хизмат хоҳад кард. Натиҷаҳои тадқиқот барои муайян кардани ашъори бозмондаи суханварони асрҳои X-XI, дарёфти шакли саҳеҳ ва маънии дурусти силсилаи киноёту истиороти шоирона, нақду тасҳеҳи теъдоди абёти шоирони асрҳои X-XI мусоидат намуда, дар бораи шарҳу тафсири маҳорати суханварии Сурурии Кошонӣ ҳамчун шоир нақши муассир мегузорад.

Натиҷаҳои диссертатсия барои таҳияи мавод оид ба таълими фанҳои назарияи адабиёт, таърихи адабиёт, матншиносӣ, нақди адабӣ ва назарияи луғатшиносӣ заминаи муфид ба ҳисоб меравад. Маводи рисола минбаъд барои мавриди таҳқиқ қарор додани ашъори суханварони асрҳои X-XI ва омӯзиши фарҳангҳои тафсирии форсӣ-тоҷикӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар асоси матолиби рисола имкон дорад, ки дар оянда фаъолияти адабии Сурурии Кошонӣ мавриди тадқиқу баррасӣ қарор дода шуда, ашъори бозмондаи ӯ интишор гардад. Фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ аз ҷиҳати асноди шоҳиди суханварони асрҳои миёна мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, осори шоирони ношинохта ва муаррифӣ нагардида дар асоси матолиби фарҳанг таҳия, тасҳеҳ ва муаррифӣ ва тадқиқ карда шавад. Ҳамчунин, интисоби ашъор ва нуқсонҳои ошкоргардидаи нашрҳои осори шуарои асрҳои X-XI дар оянда ба назар гирифта шуда, абёти нақду тасҳеҳгардида ва байтҳои тозаи суханварони ин давра дар нашрҳои оянда ба ашъори онҳо дохил карда шавад.

Бар асоси таъкиди афзалиятҳои мазкур метавон изҳор дошт, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо» тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Равшан аст, ки диссертатсия

аз ҷониби муаллиф ба сурати мустақилона ба қалам омада, дорои арзишу аҳамияти муҳим ва мантиқи ягонаи илмӣ мебошад. Дар он саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ба таври равшан аён аст ва мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошташудаи муҳаққиқ ба пуррагӣ ҳаллу фасл гардидаанд. Нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда ва натиҷаҳои аз таҳқиқу баррасии мавзуъ ба даст омада аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертант аз раванди таҳқиқи мавзуъ огоҳии комил дошта, таълифоти хешро дар доираи талаботи корҳои илмӣ ба анҷом расонидааст. Мавзуи интихобшуда ва мазмуни ягонаи таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 12 мақола, аз ҷумла 7 мақолае, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссиям олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия нашр гардидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия робитаи мустақим доранд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мувофиқат менамоянд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои илмии таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ баён гардида, дурнамо ва тавсияҳои амалии мавзуи кори диссертатсионӣ муқаррар шудаанд. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба эътибор гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Султонзода Гулбаҳор таҳти унвони «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» кори мукаммали аз ҷиҳати илмӣ анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти ин, диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Султонзода Гулбаҳор Абдувайит таҳти унвони «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди МДТ-и

«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Юсуфов Умриддин Абдукофиевич**, доктори илмҳои филология, мудири шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Охунҷонова Нурихон Рахматовна**, номзади илмҳои филология, дотсент, мудири нашриёти "Дабир" ва маҷаллаи илмии "Ахбори ДДБҲСТ"-и Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Ғаффорова У.А.
*Суроға: ш.Хуҷанд, микроноҳияи 31, хонаи 6, ҳуҷраи 16,*
*Тел.: (+992) 92-780-88-50; Email: umedagafari1@mail.ru*

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Султонзода Т.С.
*Суроға: ш.Хуҷанд, микроноҳияи 20, хонаи 8, ҳуҷраи 16,*
*Тел.: (+992) 92-780-40-01; Email: tsultoni1970@mail.ru*

доктори илмҳои филологӣ, профессор — Нуров Н.Н.
*Суроға: ш.Хуҷанд, ш.Хуҷанд, хуррамшаҳр 38,*
*Тел.: (+992) 92-876-37-97; Email: nurali74@mail.ru*

5-уми сентябри соли 2024

*"Имзоҳои профессорон Ғаффорова У.А., Султонзода Т.С. ва Нуров Н.Н.-ро тасдиқ мекунам"*

Сардори РК ва КМ-и МДТ-и
"ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" — Ҳусейнова З.С.